# ТАҚРИЗ

ба автореферати Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташакулли салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф баҳри фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат, бунёди фазои мусоиди таълимӣ ва ҳамгироии он бо фазои ҷаҳонии таҳсилот нигаронида шудааст.

Ин иқдом дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад: «Айни замон дар кишвари мо соҳаи таҳсилоти олии касбӣ рушд намуда, сифати таълиму тарбия ва дараҷаи тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ беҳтар шуда истодааст. Бо вуҷуди ин муаммоҳои соҳаи маориф чун яке аз мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонад. Баҳри таъмини ояндаи сазовори Тоҷикистон имрӯз мо бояд барои наврасон ва ҷавонони боистеъдод шароити зарурӣ фароҳам орем. Ҳамчунин мо бояд барои навоварони воқеӣ ва эҷодкорон тамоми шароитро муҳайё намоем, то онҳо имкони машғул шудан бо кори пурсамари илмӣ, эҷодӣ ва инноватсионӣ дошта бошанд».

Мавзӯи интихобнамудаи Ғаниева М.А. таҳти унвони «Ташакулли салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ», яке аз мавзӯҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити ҷаҳонишавии илми муосир диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрам бахшида шудааст ва дар иртибот ба ин нукта, дар он муҳимияти

ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ дар маркази диққат қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар автореферати диссертатсияи Ғаниева М. А. ҳадафи асосӣ ин масъалаи ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултаҳои СТ ва Т дар таълими муассисаҳои олии таълимӣ ҳалнашуда маҳсуб мегардад ва таҳқиқоти махсусро тақозо намуда, маҳз ҳамин аҳамияти диссертатсияи мазкурро инъикос кардааст ва сабаби интихоб шудани мавзӯи мазкур - «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ»-ро шарҳ додааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия хусусиятҳои хосаи кор дар пленэр, ҳолатҳои гуногун дар табиат, ивазшавии мунтазами равшанӣ ва ғайраро, ки аз донишҷӯ қабули фаъолонаи натура, диққати том, малакаи кор аз нақши хотира ва таассуротро талаб мекунанд, таҳлилу барасӣ кардааст.

Аҳамияти мавзуи диссертатсияи мазкур аз зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаи назариявии яке аз усулҳои таълими донишгоҳи олӣ, муносибати босалоҳият дар раванди таълими таҷрибаомузии пленэрӣ бармеояд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мукаммали диссертантро бозгӯӣ намудааст.

Чи тавре, ки маълум аст, диссертант Ғаниева М.А. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасар оварда, дар охир бо овардани нуктаи назари худ бобҳоро ҷамъбаст намудааст. Дар феҳристи интишороти илмии диссертант вобаста ба рисола 26 мақолаҳо илмӣ, аз ҷумла 8- мақолаи илмие, ки дар нашриёҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 китоби дарсӣ, инчунин 13-мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст. Мақолаҳои интишоркардаи унвонҷӯ ва автореферати рисола муҳтавои тадқиқоти мазкурро пурра инъикос мекунанд:

Новобаста ба мавҷуд будани комёбиҳои фаровон дар автореферат норасогиҳо ба чашм мерасанд.

1. Хуб мешуд, бахши хулосаи автореферат ба ду қисм рақамгузорӣ карда мешуд.
2. Хуб мешуд, нишондоди ихтисораҳо мувофиқ ба талаботи низомномаи амалкунанда нишон дода шаванд.

Дар маҷмӯъ кори илмии диссертант Ғаниева Малика дар мавзӯъи «Ташакулли салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Арбоби ҳунари Тоҷикистон,
профессори кафедраи санъати тасвирӣ ва
маҳорати актёрии МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Ҷӯраев Ғафур Ҳоҷиевич

Имзои Ҷӯраев Ғ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
Тел: +992(92-759-44-42)

05.11.2020 сол